# ТАҚРИЗ

**Ба рисолаи илмии Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқши-носӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст:**

Рисолаи илмии Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки бо Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

-

**- Мубрам будани мавзӯи диссертатсия:**

- Дастоварди муҳимтарини ислоҳоти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад .

Ба ҳама маълум аст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ ва дар маҷмӯъ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷиноятқорӣ, алалхусус одамкушӣ инчунин эътибори тамоми низоми ҳифзи ҳуқуқ дар назари шаҳрвандони ба таври назаррас аз сифати татбиқи муқаррароти КМҶ ҶТ, муайян карда мешавад. Ба ҳалли ин масъала асосан мавҷудияти далелҳо, ки асоси раванди исботи парвандаҳои ҷиноятиро ташкил медиҳанд, мусоидат мекунад.

Ба низоми далелҳо маълумотҳое, ки дар раванди санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дастрас карда мешаванд, дохил мешавад.

Таҳлили далелҳо ва манбаъҳои гирифтани онҳо нишон медиҳад, ки онҳо асосан аз нишондоди шоҳид, ҷабрдида, гумонбар, айбдоршаванда ва санҷиши нишондоди онҳо вобастагӣ дорад.

Илми криминалистика санҷиши нишондодро дар ҷойи ҳодиса, ки "алфа ва омегаи илми криминалистика ва мурофиаи ҷиноятӣ" мебошанд, махсус қайд мекунад, ки бо ёрии ин амали тафтишӣ дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ бисер далелҳои барои парванда муҳимро муайян ва аниқ кардан мумкин аст. Ин дуруст аст, аммо ҳақиқат ин аст, ки шиддати бархӯрдҳои тафтишотӣ, ки ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба вуҷуд меоянд, дар баъзе ҳолатҳо ҳолатҳоеро ба вуҷуд меорад, ки шоҳидон ё ҷабрдидагон, бар хилофи вазифаҳои худ, кӯшиш мекунанд, ки ба ҷараён ва натиҷаи тафтишоти парвандаи ҷиноятӣ таъсири манфӣ расонанд. Ин аксар вақт дар он ифода меебад, ки онҳо аз таҳдидҳо ва (ё) амалҳои хатарноки айбдоршаванда (гумонбаршуда) метарсанд, ки нишондоди ибтидоиро тағир медиҳанд ё умуман нодуруст пешниҳод мекунанд. Таҳлили кори мақомоти тафтишоти пешакӣ нишон медиҳад, ки нодуруст додани нишондод, тағйир додани нишондоди ибтидоӣ ба нишондодҳои бардурӯғ аксар вақт дар парвандаҳои одамкушӣ сурат мегирад, ки далелҳо асосан дар гирифтани маълумот ҳангоми пурсишҳо сохта мешаванд.

Бо қабули КМҶ ҶТ ва эътибори қонунӣ пайдо кардани он, мушкилоти мурофиавии ҷиноятӣ ва тактикии далелҳо дар парвандаҳои ҷиноятӣ аз байн нарафтанд ва аҳамияти ин мавзӯи тадқиқот, ба андешаи мо, ҳатто аз он сабаб афзудааст, ки якум, имконияти қонунии таҳияи он дар сатҳи баландтар, аз ҷумла дар сатҳи диссертатсионӣ пайдо шудааст; ва дуюм, худи рисола, ки тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ танзим мекунад, ба назари мо,

хеле мубрам аст.

- Гузашта аз ин, таҳлили амалияи тафтишии ҷиноятҳои одамкушӣ нишон медиҳад, ки бисер мушкилоти бештар ҳалношуда тактикӣ боқӣ мемонанд, ки самаранокии амали қонунро ба таври назаррас коҳиш медиҳад, эътимодро ба он коҳиш медиҳад ва имкониятҳои воқеии муфаттиш дар муайян кардани ҳолатҳои исботшаванда маҳдуд карда мешаванд.

Дар баробари ин, муфаттиш ҳангоми гузаронидани санҷиш ва муайянкунии нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ набояд танҳо бо як воситаи иловагии сабт қонеъ гардида, дигар воситаҳои пешбининамудаи илми криминалистика ва сарфи назар намояд. Имконоти ҷамъоварии маълумот дар санҷиш ва муайян кардани нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ васеъ буда, муқаррар намудани паҳлуҳои дигар ва натиҷаҳои ин амали тафтишӣ метавонад на танҳо ҳамчун далели парванда хизмат кунад, балки ҳамчун манбаи маълумот барои муфаттиш дар ташаккули фарзияҳои нави умумӣ ва махсус ба кор бурда шавад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло интихоби мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониро муайян карданд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Навоварии илмии тадқиқоти диссертатсия дар он аст, ки бори аввал дар сатҳи диссертатсия бо дарназардошти ақидаҳои назариявӣ оид ба тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, амалияи татбиқи он кӯшиш карда шудааст, ки мафҳумро ба таври назаррас равшан созад, муқаррароти мавҷудаи тактикиро такмил дода шавад ва муқаррароти нави назариявӣ (ҷиҳатҳои криминалистикӣ, тактикӣ ва равонӣ) -и ин амали тафтишотӣ ҳамчун воситаи мустақил таҳия карда шавад. Дар бораи ба даст овардани далелҳо дар илми криминалистика, инчунин равшантар ифода кардани ҳадафҳо ва

тавсияҳои инфиродӣ барои мукамалгардонии тафтиши парвандаҳои ҷинояти одамкушӣ равона карда шудааст.

Муайян намудани максад ва ангезаи тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, ки дар таърифи мураттабшудаи ин амали тафтишӣ инъикос ёфтааст, инчунин бо навигарии илмии худ фарк мекунад.

Унсурҳои навоварии илмӣ дар рисола инчунин аз ҷониби муаллиф истифодаи як қатор усулҳои илмҳои дигарро дар бар мегирад, ки бо шароит ва ҳадафҳои фаъолияти ҷамъоварии далелҳо ҳангоми тафтиши пешакӣ одамкушӣ ҳангоми тафтиши далелҳо муайян карда мешаванд. Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, аз ҷумла, ба назар гирифтани таъсири омили равонӣ ба ҷараёни тайёр кардан ва гузаронидани тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, омузиши шахсияти айбдоршавандае, ки нишондодаш санҷида мешавад ва баҳо додан ба нишондодҳо аз ҷумлаи навовариҳои илмии рисола баромад мекунад.

Дар рисолаи мазкур технология ва усулҳои муосир, ки барои дақиқтар ва боэътимод тафтиш кардани тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, баррасӣ шуда, инчунин роҳҳо ва воситаҳои эҳтимолии таҳрифи онҳо ба назар гирифта шудаанд. Рисола равишҳои нави таҳлил ва тафтиши далелҳоро пешниҳод мекунад, ки натиҷаҳои онро барои илм ва амалияи муосир муҳим мегардонад. Дар диссертатсия инчунин тактикаи мавҷудаи санҷиши нишондодҳо, ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи онҳо таҳлил карда шуда, барои оптимизатсияи раванди санҷиши нишондод тавсияҳо дода мешаванд. Диққати махсус ба истифодаи технологияҳои муосир, аз қабили моделсозии компютерӣ, таҳлили додаҳо ва усулҳои оморӣ барои баланд бардоштани самаранокии тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса

дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ ва кам кардани эҳтимолияти хатогиҳо дода мешавад.

Навгонии рисолаи Аҳмадзода М.С., дар он ифода меёбад, ки бори аввал проблемаҳои санҷиши нишодод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ таҳқиқ карда шуда, як қатор нуқтаҳои ҷолиби диққат пешниҳод шудааст:

1.Дар асоси таҳлил ва муқоисаи моддаҳои 21, 72-76, 85-88 ва 207 КМҶ ҶТ, инчунин омӯзиши маълумотҳои таҷрибаи тафтишии татбиқи тарзҳои тактикӣ ҳангоми санҷиши нишондод, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки санҷиши далелҳо, алалхусус нишондоди гумонбаршуда ва айбдоршаванда дар содир намудани ҷинояти одамкушӣ на танҳо хамчун марҳилаи муҳимми ҷараёни исботкунӣ, балки унсури мураккаб ва махсуси фаъолияти криминалистӣ дар ҷараёни тафтишот, махсусан дар шароитҳои мубориза ба ҷинояткорӣ фаҳмида мешавад, ки барои гузаронидани он маҷмуи тарзҳо ва усулҳои тактикии мақсадноки дахлдори тактикӣ-криминалистӣ талаб карда мешавад.( саҳ 11)

2. Ба тарзҳои тактикии гузаронидани санҷиши нишондод аз рӯйи парвандаҳо оид ба ҷинояти одамкушӣ дар марҳилаи тафтиши пешакӣ инҳо мансуб дониста мешаванд:

а) пешниҳоди тамоми ташаббус ба шахсе, ки нишондодаш санҷида мешавад;

б) ҳангоми санҷиши нишондод мувофиқ омадани нақл бо нишон додани ҳаракатҳо;

в) назорат (мушоҳида) намудан аз болои рафтори шахсе, ки нишондодаш санҷида мешавад;

г) мувофиқ омадани изҳорот ва ҳаракатҳои шахсе, ки нишондодаш санҷида мешавад, бо вазъияти ҷойи ҳодиса.

3. Дарҷ ва зикр намудани далелҳо дар раванди санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ чунин шарҳ додан мумкин аст – ин низоми амалҳо доир ба дар шаклҳои

муқаррарнамудаи қонун таҷассум ва нигоҳ доштани маълумотҳои воқеӣ оид ба ҷинояти одамкушӣ, ки барои ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд, инчунин шароитҳо, воситаҳо ва тарзҳои қайду сабт мебошад.

Аз мафҳуми мазкур чунин бармеояд:

Якум, дарҷ ва зикр намудани далелҳо – ин на танҳо расмиёти зеҳнии дар хотир доштани ягон ҳолатҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо, балки ба маънои муайяни фаъолияти ҷисмонӣ, низоми амалҳо мебошад.

Дуюм, ба сифати дарҷ ва барасмиятдарории мурофиавии бадастомадаи на ҳамаи маълумотҳо ҳангоми гузаронидани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, танҳо он маълумотҳое, ки дар асоси онҳо мақомоти тафтишот бо тартиби дар қонун муқараршуда ҷой доштан ё надоштани одамкушӣ, далелҳои исботкунандаи гуноҳи шахси одамкуширо содир намуда ва дигар ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳаммиятдошта ҷой дошта метавонанд.

Сеюм, ин фаъолият ба таҷассум намудани объект ва зикр намудан дар шаклҳои муайян равона гардидааст ва бинобар ин, на ҳама гуна шакли таҷассумнамоӣ, ҳатто шакли моддии он ба ин мафҳум ҷавобгӯ мебошад, танҳо шакли бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ муқарраршуда ба талаботи дарҷ ва зикрнамоӣ ҷавобгу мебошад.

Чорум, ба мафҳуми дарҷ ва зикр намудани далелҳо на танҳо таҷассум намудани худи маълумотҳои воқеӣ, инчунин амалҳо доир ба ошкоркунии онҳо дохил мешавад, чунки ҷоизияти далелҳо аз манбаъҳо, воситаҳо ва тарзҳои ошкоркунии ин ва дигар маълумотҳо вобастагӣ дорад.

Панҷум, азбаски дарҷ ва зикр намудани далелҳо ин соҳибшавии далелҳо тавассути шаклгирии муайяни мурофиавӣ мебошад, зарур аст, ки иттилоот дар бораи худи ҷараёни дарҷ ва зикр намудан (дар бораи шароитҳо, воситаҳо ва тарзҳои истифодашавандаи қайду сабт), ки бидуни он ба таври пурра ва объективӣ баҳо додани натиҷаҳои қайду сабт, яъне ҳалли масъалаи пуррагӣ, мақсадноки дарҷ ва зикр намудан ғайриимкон

мебошад, бояд зикр карда шаванд.(саҳ15).

Ҳамин тариқ, диссертатсия маҷмӯи таҳқиқоти навро ифода мекунад, ки дар соҳаҳои гуногун, аз қабили криминалистика татбиқ карда мешаванд, ки дар онҳо санҷиши эътимоднокии нишондодҳо нақши муҳим дорад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ-амалии гуногун тасдиқ карда мешавад. Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ, дар асоси таҳлили ҳаматарафаи назариявӣ, амалия ва қонунгузории ватанӣ, аз ҷониби муаллиф хусусиятҳои проблемаҳои санҷиши нишодод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ ва мухолифатҳои санадҳои меъёри ҳуқуқӣ дар мавзуи таҳқиқотӣ ва воситаҳои барҳам додани онҳо муайянкарда шуданд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро кори илмии объективона анҷомдодашуда, дақиқияти маълумот, таҳлил, муҳокима ва баҳсҳои дар ҷараёни таҳқиқот барпошуда, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян мекунанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили амиқи илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

дар рисола мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, аз ҷумла таҳлили усулҳои мавҷудаи санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, самаранокии онҳо ва мушкилоти эҳтимолӣ муайян карда шудаанд. Баррасии ҳамаҷонибаи адабиёт барои баррасии методология ва усулҳои мавҷудаи санҷиши нишодод дар ҷойи ҳодиса дар

мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, инчунин таҳқиқоти қаблӣ дар ин мавзӯъ ба роҳ монда шудааст. Диққати махсус ба таҳлили дақиқ ва эътимоднокии тактикаи санҷиши нишодод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ муайян карда шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки мавқеи довталаби дараҷаи илмӣ ба ҳалли масъалаҳои санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, буда ба натиҷаҳои таҳқиқоти маҷмуи масъалаҳои хусусиятҳои илмӣ ва амалидошта мансубият дорад. Аз ҷониби муаллиф хулоса, муқаррарот ва тавсияҳои нав таҳия гардидааст, ки ҳастии воқеӣ доранд ва онҳо метавонанд ба инкишофи минбаъдаи назария ва амалияи санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, мусоидат намоянд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот оид ба санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, дар он зоҳир меёбад, ки мавзуи таҳқиқотӣ бешубҳа мубрам ва баҳсталаб аст. Муаллиф кӯшиш намудааст, то мавқеи институтро дар байни дигар амалҳои тафтишӣ мушаххас намояд ва он сабаби рушди институти мазкур дар назария, амалия ва қонунгузорӣ гардад.

Хулоса, нуктаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисола пешбинӣ шудаанд, метавонанд барои такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатӣ, инчунин дар амалияи тафтиши ҷиноятҳои одамкушӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Мавод ва қонуниятҳои пешниҳодгардидаро барои таҳқиқоти илмӣ оид ба масоили тактикаи санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ

ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, тайёр кардани барномаҳои таълимӣ, таълим дар самти криминалистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон мавриди истифода қарордод.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:**

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия;**

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки ба тактикаи санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ равона карда шудааст. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад.

**Дар баробари муваффақиятҳои худ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз норасогиҳо холӣ нест, ки онҳоро метавон ба таври зайл нишон дод:**

1. Дар номи рисола «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» ибораи «ҷиноят» ба ақидаи шахсии мо зиёда омадааст.

2. Дар саҳ. 111-112 омадааст, ки «Омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин пурсиши кормандони милитсия ва прокуратура нишон дод, ки дар бештари ҳолатҳо санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса бо иштироки гумонбаршаванда (айбдоршаванда) тавассути барасмиятдарории протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса анҷом дода мешавад. Чунин посух аз 87 нафар гирифта шудааст; 17 нафар қайд намуданд, ки протоколи озмоиши тафтишӣ тартиб медиҳанд; 70 нафар иброз доштанд, ки протоколи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса тартиб медиҳанд». Хуб мешуд агар анкетаи пурсишнома дар замимаи диссертатсия оварда мешуд.

3. Дар саҳ. 112-116 рисола намунаи протоколи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодисаоварда шудааст. Агар ин протокол дар қисмати замима пешниҳод карда мешуд, ба мақсад мувофиқ мебуд.

Тавсияҳо ва эродҳои зикршуда ба мазмуни дисертатсия таъсир нарасонда, баракс мубрамияти онро инъикос мекунад.

**Қисмати хотимавӣ.**

Рисолаи диссертатсионии диссертатсионии Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», бо мубрамият ва навгониҳои худ афзалият пайдо намуда, ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

Такризи мазкур ба талаботи банди 71-72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Муқарриз:

**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор, сардори кафедраи криминалистика**
**ва экспертизаҳои судии Академияи ҳифзи хуқуқи**
**Ҷумҳурии Ӯзбекистон** **Астанов И.Р.**

Имзои Астанов И.Р. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадри Академияи ҳифзи хуқуқи
Ҷумҳурии Ӯзбекистон Холматов М.М.

«25» апрели 2024с.

Суроға: 100047, Ҷумҳурии Узбекистон,ш.Тошкент, н.Миробод, куч. Шаҳрисабз, 42;
Факс/телефон: +(998) 71 202-04-96
E-mail: info@proacademy.uz; https://proacademy.uz/ru